# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Махсумзода Нигина Давлат дар мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табиийтшиносӣ ва риёзӣ» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.7. – Таърихи илм (таърих)**

Рисолаи диссертатсионии Махсумзода Н.Д. натиҷаи таҳқиқоти илмӣ-тахассусие мебошад, ки ба яке масъалаҳои мубрами таърихи илму техника дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ бахшида шудааст. Дар натиҷаи хулосаву пешниҳодот ва навгониҳои дар автореферат қайднамудаи муаллиф бояд гуфт, ки таҳқиқоти мазкур бо тахассуси 6.1.7. – Таърихи илм (таърих) комилан мувофиқат мекунад.

Мавзӯи рисолаи номзадии Махсумзода Н.Д. воқеан яке аз масъалаҳои мубрами таърихи илму техника буда, аввалан камомӯхташуда ва сониян рӯзмарра ба шумор меравад. Таърихи илму техника дар ҳама давру замон яке аз соҳаҳои муҳими илму фарҳанг ба шумор меравад, ки барои пешравии ҷомеа нақши аввалиндараҷа мебозад.

Муаллифи рисола дар автореферати худ комилан дуруст қайд менамояд, ки ниёгони тоҷикон дар радифи халқҳои соҳибтамаддуни ҷаҳон, ки ангуштшуморанд, ба монанди юнониён, румиён, ҳиндуҳо, чиниҳо ва мисриён дорои таърихи қадима буда, дар ташаккул ва инкишофи донишҳои ақлӣ саҳми босазо доранд ва дар соҳаи илмҳои риёзиву табииётшиносӣ ва техника ихтироъкории онҳо дар сафҳаҳои таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ бо ҳарфҳои тиллоӣ сабт шудааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро диссертант дуруст ҷамъбаст кардааст, ки маводи таҳқиқот, пешниҳод ва интишороти муаллиф метавонад ҳамчун манбаи омӯзишӣ дар соҳаи таърихи илм ва техника хизмат намоянд. Чунончи:

– натиҷаҳои таҳқиқотро ҳангоми навиштани корҳои бунёдии ҷамъбастӣ оид ба таърихи илмҳои табииётшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он ва ҳамчунин ҳангоми хондани курсҳои махсус дар донишкадаву донишгоҳҳои олии кишвар, хусусан дар факултет ва риштаҳои тахассусии табииётшиносӣ метавон истифода бурд;
– натиҷаи таҳқиқот метавонад дар шакли мақолаҳои илмӣ, илмию методӣ ва дастурҳои тавсиявӣ барои магистрантону докторантони PhD ва донишҷӯёну унвонҷӯён, дар бораи навиштани рисолаҳои тахассусӣ хизмат кунад;

– натиҷаи кор инчунин барои омӯзгорони МТМУ МТММ ва МТОК-и кишвар манфиатовар буда метавонад;
– ниҳоят натиҷаи таҳқиқот, албатта ҳангоми навиштани монографияҳо ва маҷмуаҳои тахассусӣ барои муҳаққиқони соҳаи таърихи илм ва техника метавонад васеъ истифода бурда шавад.

Дар натиҷа муаллиф дуруст қайд менамояд, ки Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ ҳамчун донишманди энсиклопедисти асримиёнагии форс-тоҷик натанҳо дар пешрафти илми тиббу фалсафа, балки дар ташаккул ва инкишофи илмҳои табииётшиносиву риёзии ҷаҳони исломи асримиёнагӣ, балки дар Аврупои асримиёнагӣ низ саҳми бузург гузоштааст. Ӯ дар пешрафти илмҳои табиатшиносию риёзӣ, техникиву муҳандисӣ ва хусусан тиббию фалсафӣ воқеан мавқеъ ва манзалати ҷаҳонӣ дорад. Муҳимтарин дастоварди илмии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар соҳаи донишҳои техникиву муҳандисӣ ин сохтани тарозуи физикӣ буд, ки дар зери таъсири он донишмандони баъдинаи олами ислом низ ихтироъҳои гуногунро молик шудаанд

Аз автореферати рисолаи диссертатсионии Махсумзода Нигина Давлат маълум аст, ки ӯ дар мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ» тадқиқоти илмӣ-тахассусиеро анҷом додааст. Шарҳи автореферат ба се забон (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ) арзиши назарӣ ва амалии онро пурра ва дуруст инъикос мекунад. Ниҳоят гуфтан мумкин аст, ки кори таҳқиқоти Махсумзода Н.Д. ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.7. – Таърихи илм (таърих) мебошад.

Муаллими калони кафедраи методикаи
таълими физикаи Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон номзади илмҳои таърих Қурбонхолов Т.Т.

Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудаки, бинои 16, факултети физика.
Тел: 919 22 60 79. E-mail:kurbonrholov 1977@mail.ru.

«Имзои н.и.т., Қурбонхолов Т.Т.-ро
тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон
«24» ____06____соли 2026 Шодихонзода Э.Ш.

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Махсумзода Нигина Давлат дар мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.7. – Таърихи илм (таърих)**

Бояд гуфт, ки татбиқ ва тарғиби осору афкори илмии ниёгони асримиёнагии форс-тоҷик, дар ҳақиқат, дар пешрафти илму фарҳанги ҷаҳонӣ нақши муҳиме дорад, зеро онҳо дар замони зиндагии худ дар пешрафти илму фарҳанги ҷаҳонӣ саҳми босазое гузоштаанд, ки чандин садсолаҳо дар соҳаҳои гуногуни илмҳои табииётшиносӣ, риёзиву ҷомеашиносӣ ва баъзан то замони мо таъсири муайян доранд. Аз ин нуктаи назар рисолаи диссертатсионии Махсумзода Н. Д. дар мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ» аз рӯйи мазмуну мундариҷа, сохтору номгузории бобҳову зербобҳо ва хулосаву натиҷагириаш аз рӯйи автореферат маълум мегардад, ки бо тахассуси 6.1.7. – Таърихи илм (таърих) мувофиқати пурра дорад.

Дар бораи аҳамияту мубрамияти рисола муаллиф дуруст қайд кардааст, ки омӯзиши ҳамаҷонибаи осори ниёгони оламшумули тоҷикон дар таърихи илму техника дар шароити муосири Тоҷикистон аҳамияти хосса дорад. Бесабаб нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои арҷгузорӣ ва омӯзишу тарғиби мероси илмии ниёгонамон аз қабили Имоми Аъзам, Имом Бухорӣ, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Абубакр Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳёи Розӣ ва дигарон диққати махсус додаанд.

Махсумзода Н. Д. дар асоси принсипҳои таърихият, объективият ва мантиқи илмӣ факту рақамҳои бунёдиро ба даст оварда, саҳм ва нақши яке аз донишмандони овозадори форс-тоҷик Абубакр Муҳаммад Закариё ибни Яҳёи Розӣ (865-925)-ро натанҳо дар таърихи тамаддуни тоҷикон, балки дар таърихи тамаддуни исломӣ ва умумиҷаҳонӣ, ки мавқеи хосса дорад, хеле нишонрас мавриди баррасӣ қарор додааст.

Аз рӯйи мутолиаи автореферат бармеояд, ки муаллиф аз сарчашмаҳои муътамад ва таҳқиқоти мавҷудаи арзишманд хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти таърихӣ ҷамъбаст намудааст, ки ифодакунандаи эътимоднокии диссертатсия маҳсуб мегардад.

Нуктаи дигаре, ки дар асоси он месазад таҳқиқоти Махсумзода Н.Д.-ро мусбат ва комилан як пажӯҳишоти арзишманди таърихӣ дар риштаи таърихи

илму техника дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қаламдод кунем, ин навгониҳои бадастовардаи ӯ мебошад, ки дар панҷ банд мухтасару мушаххас ва ҳамзамон назаррас баён гардидааст.

Муаллифи диссертатсия комилан дуруст андешаронӣ дорад, ки маҳз даврai давлатдории Сомониён, ки фаъолияти пурамари Абубакри Розӣ дар он замон сипарӣ шудааст, дар таърих бо номи аввалин давлатдории тоҷикон ёд мешавад, даврai дастовардҳои этникӣ-маданӣ ва сиёсӣиҷтимоии халқи тоҷик дар заминаи таҳаввулоти сиёсиву иҷтимоӣ ба амал омада, илм, санъат, техника ва ҳунарҳои гуногун пайдо шуда, рӯ ба инкишоф оварданд.

Хулоса, аз рӯйи автореферат баҳогузорӣ кардан мумкин аст, ки диссертатсия таҳқиқоти илмии дар худ анҷомдодашударо ифода мекунад, ки муаллиф онро ба дараҷаи кофӣ ва дар сатҳи баланд иҷро намудааст.

Ба андешаи мо рисолаи мавриди назар ба талаботи Низомнома оид ба тартиби додани унвони дараҷаи илмӣ ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он Махсумзода Нигина Давлат сазовори ноил гардидан ба унвони номзади илмҳои таърих рӯйи ихтисоси 6.1.7. – Таърихи илм (таърих) мебошад.

Мудири кафедраи методикаи таълими таърих
ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омузгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, н.и.т., дотсент Исмоилов Ё.Ҳ.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 121,
ДДОТ ба номи С. Айнӣ.
Тел: (+992) 987-66-54-55.
E-mail: info@tgpu.tg; www.tgpu.tj.
ydgor.ismoilov.@dk.ru

«Имзои н.и.т., Исмоилов Ё.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии омузгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Қодирзода С.М.

20.06.2026

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Махсумзода Нигина Давлат дар мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.7. – Таърихи илм (таърих) пешниҳод шудааст.**

Автореферати диссертатсияи Махсумзода Нигина Давлат дар мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ» ба яке аз масъалаҳои марбут ба саҳми донишманди маъруфи асримиёнагии тоҷику форс Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар инкишофи риштаи илмҳои физика, химия, астрономия, тиб, риёзиёт ва донишҳои гуманитарӣ бахшида шудааст. Муҳити ҳаёту фаъолияти Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ яке аз давраҳои бисёр мусоид (замони гулгулшукуфии давлати Сомониён) барои ташаккул ва рушду нумуи илму фарҳанг ва умуман пешрафти ҳаёти моддиву маънавии ҷомеа дар таърихи тамаддуни тоҷикон ба ҳисоб меравад.

Сохтори диссертатсияи номзадии Махсумзода Нигина Давлат тибқи қоидаҳои қабулшуда дуруст тартиб дода шудааст ва он аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, ҷавобгӯйи корҳои илмӣ мебошад.

Дараҷаи таҳқиқоти омӯзиши мавзуъ ба талабот мувофиқ буда, муаллиф дар таълифи диссертатсия аз осори олимони Тоҷикистон, Эрон, Узбекистон, Русия ва дигар кишварҳои ҷаҳон истифода намуда, ба хулосаҳои зарурӣ омадааст.

Мақсади таҳқиқотро омӯзишу таҳлили афкори табииётшиносиву риёзии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ, инчунин татбиқу инкишофи ақидаҳои илмии ӯ дар ҷараёни таълим дар МТОК, МТММ ва МТМУ ташкил медиҳад, ки дар натиҷаи пажӯҳишоти диссертатсионӣ хонандагону донишҷӯёни кишвар натиҷабардорӣ кардан аҳамияти таърихӣ-илмӣ дорад.

Бояд қайд кард, ки дар таҳқиқоти мазкур муаллиф бори нахуст саҳми Абубакри Розиро дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ дар як

системаи муайян бо назардошти раддабандии донишҳои замонааш ба риштаи таҳлил кашида, мавқеи ӯро дар ташаккул ва инкишофи донишҳои риёзиву табииётшиносӣ нишон додааст.

Дар автореферат муаллиф муносибати илмиро ба мавзуъ риоя намудааст ва забони илмии кори ӯ дақиқ ва фаҳмо мебошад.

Бо назардошти аҳамияти мавзуъ, сатҳи баланди таҳқиқот, навоварӣ ва асоснокии натиҷаҳо, метавон хулоса кард, ки автореферат ва диссертатсияи Махсумзода Нигина Давлат дар мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ» ба талабот ва меъёрҳои мукаррарнамудаи «Низомнома дар бораи тартиби додани унвони илмӣ» - и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.7. – Таърихи илм (таърих) мебошад.

Сардори Раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон, н.и.т., дотсент ... форов Б.В.

Суроға: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, М. Турсунзода, 30,
Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон.
Тел: (+992) 37 221-35-50;
Факс. +(992) 37 221-35-50;
p.rektora@mail.ru; www.rtsu.tj

«Имзои н.и.т. Ғаффоров Б.В.-р
тасдиқ мекунам»
Сардори Раёсати кадрҳои МБТ
"Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон" Исмоилова М.Н.

МЕЖГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

# ОТЗЫВ

**на автореферат диссертации Махсумзода Нигина Давлат на тему «Вклад Абу Бакра ар-Рази в развитие естественно-математических наук», представленной к защите на соискание ученой степени кандидата на соискание ученой степени кандидата исторических наук по специальности 6.1.7. – История науки и техники (исторические науки)**

Диссертационная работа Махсумзода Н.Д. посвящена актуальной проблеме истории науки и техники в Республике Таджикистан, на примере вклада одного из крупного таджикско-персидского ученого-энциклопедиста Абу Бакра ар-Рази в развитие естественно-математических наук.

Автор диссертации совершенно правильно отмечает, что предки таджиков наряду с цивилизованными народами мира, такими как греки, римляне, индийцы, китайцы и египтяне имеют древнюю историю, и оказали существенное влияние на развитие науки и техники, все это зафиксировано в истории мировой цивилизации золотыми буквами.

В связи с этим, диссертационная работа, являясь комплексным исследованием, посвящена одной из актуальных вопросов современной исторической науки из области истории науки и техники, в которой рассматривается роль и вклад Абу Бакра ар-Рази в развитие естественно-математических наук.

Поставленные задачи раскрываются в трех главах работы, где соблюдается логика исследования. Автору диссертации удалось достичь поставленной цели путем применения различных исторических и историко-научных методов исследования, анализом и изучением исторической предпосылки в области истории науки и техники.

В целом проведенное комплексное исследование вопросов, касающихся историей науки и техники в социальной структуре таджикского общества чрезвычайно актуально. Данная тема неизменно вызывает интерес многих таджикских ученых-историков и требует глубокого научного осмысления в связи с необходимостью решения стоящих перед таджикской обществе проблем история науки и техники. Работа носит самостоятельный и целостный характер, ее научная новизна не вызывает сомнений.

В качестве недостатков можно отмечать изредка встречающиеся стилистические и орфографические погрешности.

Следует отметить, что высказанное замечание не снижает высокой оценки работы в целом. Автору удалось в целом решить те задачи, которые были определены в

Сканировано с CamScanner

диссертации, выводы соискателя адекватны и обоснованы. Публикации автора, в том числе рецензируемых научных изданий говорят о глубоком изучении проблем.

В целом, представленный автореферат позволяет сделать вывод о том, что диссертация Н.Д. Махсумзода на тему «Вклад Абу Бакра ар-Рази в развитие естественно-математических наук» представляет собой самостоятельное, завершенное, целостное исследование, содержащее обоснованное решение актуальной научной проблемы. По степени новизны, теоретической значимости, полученных результатов, практической востребованности, достоверности и обоснованности выводов можно утверждать, что диссертация соответствует требованиям, предъявляемым к кандидатским диссертациям, представленным на соискание ученой степени кандидата наук, а ее автор, Махсумзода Нигина Давлат заслуживает присуждения искомой ученой степени кандидата исторических наук 6.1.7. – История науки и техники (исторические науки).

**Исмоилов Лутфулло Эшонович, кандидат исторических наук, доцент кафедры арабистики, исламоведения и афро-азиатских исследований Института международных отношений, истории и востоковедения Казанского (Приволжского) федерального университета, Россия, Казань.**
**(ismoilov-62@mail.ru; ORCID 0000-0001-8675-349X; AuthorID: 995816).**

МИНИСТЕРСТВО НАУКИ И ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ
ФГАОУ ВО «КАЗАНСКИЙ (ПРИВОЛЖСКИЙ) ФЕДЕРАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ»
ИНСТИТУТ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ, ИСТОРИИ И ВОСТОКОВЕДЕНИЯ
ПОДПИСЬ Исмоилова Л.Э. заверяю
Секретарь Хасанова А.К.

ИНСТИТУТ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ, ИСТОРИИ И ВОСТОКОВЕДЕНИЯ

24. 06. 2026 г.